Касе ба амали хайр далолат кунад, подоше ҳаммонанди анҷомдиҳандаи онро хоҳад дошт

Аз Абумасъуди Ансорӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Марде назди Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) омад ва гуфт: ман маркабамро аз даст додаам, ба ман маркабе бидеҳ! Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) гуфт: "Надорам", марде гуфт: эй Расули Аллоҳ ман ӯро назди касе мебарам, ки ӯро маркаб медиҳад. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: " Касе ба амали хайр далолат кунад, подоше ҳаммонанди анҷомдиҳандаи онро хоҳад дошт"
[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Марде назди Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) омад ва гуфт: маркаби ман ҳалок шудааст, ба ман маркабе бидеҳ то маро бибарад. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) аз ӯ узр хост ва гуфт маркабе надорад ба ӯ бидиҳад. Марде онҷо ҳозир буд, гуфт: эй Расули Аллоҳ! Ман ӯро ба назди касе роҳнамоӣ мекунам, ки ӯро маркаб медиҳад. Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд, ки ӯ низ дар аҷри садақадиҳанда шарик аст, зеро ниёзмандеро ба назди ӯ роҳнамоӣ кардааст.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/5354